Мл Т08
А37



# ТЕЗГӮЯК



Чӯҷа дар лаби ҷӯча,
Ҷӯча дар сари кӯча.





Се себи сурх,
Се себи зард.

Шашсаду шасту шаш
ҳазору шашсаду шасту шаш.

Ях сард аст,
Чанг гард аст.



Як аз ду, ду аз се,
се аз чор яктогӣ калон аст.

Катча дар таги арча,
Арча дар лаби иаҳрча.

Акаам андак ангат чид.



Қанд аз қандак ширин,
Қандак аз қанд.



Зафар сафар кард,
Сафар – зафар.

Дугонаам Дурдона дӯлона чид.



Шаш шаст – се саду шаст,
Се саду шаст – шаш шаст.

Додои Довар дар Дарвоз
дӯкони дегрезӣ дорад.

Чил чор чор чил аст.

Мурод қурут хӯрд,
Қурбон муруд.



Соат тиқ-тик,
Гунҷишк чиқ-чиқ.

Шаш шаршара дар дара,
Дар дара шаш шаршара.



Сӣ сада бо сад сада,
бо се сада як саду
сиву се сада.



Шоҳимардон,
Гова гардон.
Хара иш гӯ,
Мурға киш гӯ.

Додои додом бобои ту,
Бобои додом бобои ӯ…



Дар ғарб абр аст,
Дар кӯҳ бабр аст.

Чой рехтам ба пиёла,
ба пиёлаи Ҳилола.



Ғижакчааш дар бағал,
Ғуки гафс хонад ғазал.



Шаби шанбе шамол шуд,
Шамолак дар шимол шуд.

Дар ҷангал паланг дидам,
Палангаки ланг дидам.

**Ашӯр шӯрбои шӯр пӯхт,**
**Башир нахӯрд,**
**Амир хӯрд.**



**Дар дараи Гулдара,**
**Ду шаршараи сара.**



**Ёли аспам лоёолуд.**

**Сафо занғ зад,**
**Вафо чанг зад.**

**Қоз – сафед,**
**Зоғ – сиёҳ.**



**Шараф шонаро шикаст,**
**Шароф шишаро.**

Ангушт расад ба ангишт,
Ангушт шавад чу ангишт.



Маҳмуд
бахмутро дид,
Баҳмуд ба
Маҳмуд ғуррид.



Рӯз набуд,
Шаб намуд.

Аз шарқ шурӯъ кард,
Ба ғарб ғуруб кард.



Дар ҳавлӣ якто тутча,
Ин тутча читу тутча?

Шаст сада шинондем,
Сӣ шамшод.

**Сӣ себи суп-сурх**
**Сию се себи сафед.**





**Ғалтак ғалтида**
**ғелида рафт.**

**Себу себу себ – се себ.**



**Ҳавлии мо як парча,**
**Дар боғи мо як арча,**
**Мо ҳамағӣ чор бача,**
**Ду писар, ду духтарча.**



**Зарби шашу шаш,**
**шавад сиву шаш.**